# ҚАРОРИ

## РАЁСАТИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

аз «31» декабри соли 2020 №175 ш. Душанбе

**Дар бораи Стратегияи сиёсати пулию қарзии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025**

Ҷиҳати ноил гардидан ба мақсадҳои асосии Бонки миллии Тоҷикистон ва муайянсозии самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат, мутобиқи моддаи 77 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон

**қ а р о р   м е к у н а д:**

1. Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Иҷрои қарори мазкур ба зиммаи департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушд вогузор карда шавад.
3. Назорати иҷрои ҳамин қарор ба зиммаи муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Нуралиев Ҷамолиддин Камолович гузошта шавад.

**Раиси Раёсат** **Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло**

**БМТ**

# СТРАТЕГИЯИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2021-2025




ДУШАНБЕ
2020

## МУҚАДДИМА

Таъмини суботи нархҳо ва нигоҳдории сатҳи муътадили таваррум, ба сифати яке аз нишондиҳандаҳои фундаменталии макроиқтисодӣ барои коҳиш додани номуайянӣ ва интизориҳои манфии аҳолӣ, зиёд гаштани эътимод ба пули миллӣ, тақсимоти босамари захираҳо, афзоиши ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ, ки дар маҷмӯъ дар рушди воқеии иқтисодиёт ва сатҳи некӯаҳволии мардум инъикос мегардад, заминаи мусоид фароҳам меорад.

Таварруми муътадил яке аз омилҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ дар давраи дарозмуддат ба ҳисоб рафта, боиси зиёд гардидани эътимоди аҳолӣ, соҳибкорон ва сармоягузорони дохиливу хориҷӣ ба пули миллӣ ва қобилияти харидории он, вазъи молиявию иқтисодии кишвар ва банақшагириҳои дарозмуддат, нисбатан камшавии хавфҳо ва номуайяниҳо, пастшавии меъёри фоизҳо, инчунин рушди иқтисодиёт ва некӯаҳволии мардум мегардад.

Маҳз аз ҳамин лиҳоз Бонки миллии Тоҷикистон, ки дорои ҳуқуқи истисноии эмиссияи пули нақд ва масъули таҳия ва амалисозии сиёсати пулию қарзӣ мебошад, мисли дигар бонкҳои марказӣ (миллӣ) нигоҳдории суботи нархҳоро дар давраи дарозмуҳлат мақсади асосии худ қарор додааст.

Дар шароити зуд тағйирёбандаи иқтисодиёти ҷаҳон баҳри эмин нигоҳ доштани иқтисодиёти дохилӣ ва кам намудани осебпазирӣ аз таъсири манфии омилҳои берунӣ, барои андешидани тадбирҳо дар самти пурзӯр ва тақвият додани механизми татбиқи сиёсати пулию қарзӣ бо мақсади нигоҳдории сатҳи муътадили таваррум зарурат ба миён омадааст.

Аксари давлатҳои рӯ ба тараққӣ бо мақсади ҳалли чунин мушкилиҳо бо истифода аз таҷрибаи муосири кишварҳои мутараққӣ ривоҷ додани механизми таъсирпазири сиёсати пулию қарзиро ба роҳ монда, татбиқи реҷаи нави сиёсати пулию қарзӣ – ҳадафгирии таваррумро пеш гирифтаанд.

Бонки миллии Тоҷикистон низ дар навбати худ баҳри такмил ва пешбурди сиёсати воқеан самараноки пулию қарзӣ марҳила ба марҳила гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррумро дар доираи Стратегияи мазкур ба нақша гирифтааст.

## ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ФАЗОИ МУСОИД БАРОИ ГУЗАРИШИ БОТАДРИҶ БА РЕҶАИ ҲАДАФГИРИИ ТАВАРРУМ

Тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ, гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум мавҷудияти шароити муайяни макроиқтисодӣ ва амалӣ намудани чорабиниҳои зеринро дар БМТ ва берун аз он талаб менамояд:

- тақвияти механизми трансмиссионии сиёсати пулию қарзӣ бо роҳи такмил ва таъсирбахш намудани сиёсати фоизӣ;
- таҳкими мустақилияти молиявӣ-амалиётии БМТ ва ҳамоҳангии сиёсати монетарӣ бо сиёсати фискалӣ;
- пешбурди сиёсати қурбии ба таври муътадил тағйирёбанда ва такмили минбаъдаи фаъолияти бозори дохилии асъор (реҷаи қурби асъори шинокунандаи танзимшаванда);
- таъмини устувории молиявии низоми бонкӣ;
- тахкими иқтидори таҳлилӣ-тадқиқотӣ ва таҳияи дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ;
- тақвияти раванди пешниҳоди ахбор ба омма доир ба татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва баланд бардоштани шаффофияти он.

### §1. Таҳкими механизми трансмиссионии сиёсати пулию қарзӣ ва таъсирбахш намудани сиёсати фоизӣ

Дар реҷаи ҳадафгирии таваррум мавҷуд будани механизми муассири трансмиссионии сиёсати пулию қарзӣ тавассути пешбурди сиёсати фоизӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Тақвият додани самаранокии механизми мазкур яке аз ҳадафҳои фосилавии татбиқи сиёсати пулию қарзӣ дар БМТ маҳсуб меёбад.

Тибқи ақидаи коршиносон[1] механизми трансмиссионии сиёсати пулию қарзӣ дар кишварҳои дорои сатҳи баланди долларикунонӣ ва бозори рушднаёфтаи молиявӣ на он қадар таъсирбахш аст. Бинобар ин, бо мақсади пурзӯр намудани механизми таъсирбахшии сиёсати фоизӣ ва бартараф намудани мушкилиҳои дар он ҷойдошта, дар БМТ гузаронидани ислоҳоти сохторию институтсионалӣ ва мукаммалгардонии амалиётҳои марбут ба татбиқи сиёсати пулию қарзӣ дар назар дошта шудааст.

Такмили раванди таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ гузариш аз нишондиҳандаи амалиётии миқдории пул (пулҳои захиравӣ) ба нишондиҳандаи амалиётии фоизи (меъёри фоизӣ) – / ро тақозо намуда, барои рушду такомули фаъолияти бозори пул ва таъсирбахшии сиёсати фоизии БМТ мусоидат менамояд.

---

[1] Ҳисоботи коршиноси ХБА (Абдул Насер) дар моҳи июни соли 2016;
Патритсия А. П. & Алисия Г. Ҳ. (2007). Оқибатҳои долларикунонӣ ва де-долларикунонии иқтисодиёт дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ. Бонки Рушди Осиё.

Самаранокии механизми трансмиссионии тавассути сиёсати фоизӣ амалишаванда аз таъсирбахшии фишангҳои монетарӣ, сифати таҳлилу дурнамои таваррум, устувории молиявии низоми бонкӣ ва рушди бозори байнибонкии пул вобастагии зиёд дорад.

**Дар самти такмил ва тақвияти механизми трансмиссионӣ ва истифодаи фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ аз ҷониби БМТ андешидани тадбирҳои зерин пешбинӣ мегардад:**

– такмили раванди таҳия, баҳодиҳӣ, қабули қарорҳо ва иҷрои онҳо дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ;

– ҷорӣ намудани механизми дақиқ ва муосири амалиётӣ ҷиҳати баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ва дигар субъектҳо ба он;

– ҷоннок намудани бозори байнибонкии пул тавассути бунёди низоми (платформаи) махсуси амалиётӣ, баланд бардоштани фаъолнокии ташкилотҳои қарзӣ ва таъмини шаффофият дар он;

– омӯзиши таҷрибаи бонкдории исломӣ ҷиҳати ҷорӣ намудани фишангҳои нави пулию қарзӣ бахри танзими сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии исломӣ;

– ҷорӣ намудани механизми миёнакунии захираҳои ҳатмӣ ва ба роҳ мондани мониторинги ҳаррӯзаи он аз рӯи ташкилотҳои қарзӣ дар алоҳидагӣ;

– истифодаи меъёри захираҳои ҳатмӣ дар асоси таҳлили вазъи пардохтпазирии низоми бонкӣ;

– баланд бардоштани маърифати молиявии кормандони роҳбарикунандаи ташкилотҳои қарзӣ оид ба мақсаду вазифаҳои БМТ дар самти сиёсати пулию қарзӣ (истифодаи фишангҳо, амалиётҳои монетарӣ, фаъолияти Кумитаи сиёсати пулию қарзӣ, қабули қорорҳо ва ғайра);

– ҷорӣ намудани амалиёти РЕПО;

– бунёди каҷхаттаи даромаднокии коғазҳои қиматноки БМТ;

– такмил ва таҳкими механизми пешниҳоди қарз ба ташкилотҳои қарзӣ дар ҳолатҳои фавқулода аз ҷониби қарздеҳи сатҳи охирин бо мақсади таъмини пардохтпазирии кӯтоҳмуддат;

– таҳким ва истифодаи самараноки механизми дурнамои пардохтпазирии кӯтоҳмуддат (барои як моҳ) дар алоқамандӣ бо амалиётҳои монетарӣ ва ҷорӣ намудани механизми дурнамои солонаи сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва баҳодиҳии он дар давраи миёнамуҳлат.

## §2. Таҳкими мустақилияти молиявӣ-амалиётии БМТ ва ҳамоҳангии сиёсати монетарӣ бо сиёсати фискалӣ

Таъмин намудани мустақилияти молиявӣ ва амалиётии бонки марказӣ (миллӣ) яке аз роҳҳои пурзӯр намудани механизми татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ба ҳисоб меравад. Принсипи мазкур ваколати пурраю бемамониятро оид ба қабули

қарорҳои дахлдор дар самтҳои сиёсати пулию қарзӣ, пурзӯр намудани иқтидори сохторию молиявӣ ва назорати бонкӣ дар бар мегирад.

Бонкҳои марказӣ (миллӣ) бояд дар иҷрои ҳадафҳои сиёсии худ мустақил бошанд ва онҳоро бо ҳукумати кишвар мувофиқа намоянд. Чунин мустақилона бонкҳои марказӣ (миллӣ) ба сатҳи эътимоди омма ва сармоягузорони хориҷӣ нисбат ба низоми бонкӣ ва иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбат мерасонад.

Бинобар ин, дар доираи тавсияҳои ХБА, БМТ бояд дар амал қобилияти мустақилан баровардани қарорҳоро, бахусус дар ҳолатҳои афзоиши таъсири омилҳои берунӣ ба қурби мубодилавӣ бо дарназардошти таъмини афзалият ба мақсади асосӣ, яъне ноилгардӣ ба муътадилии сатҳи нархҳо, дошта бошад.

Тибқи назария ва амалияи иқтисодӣ ҳамоҳангии сиёсати монетарӣ бо фискалӣ барои таъмини вазъи муътадили макроиқтисодӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Мувозинатии сиёсати фискалӣ ва хароҷотҳои буҷетии ба иқтидори воқеии иқтисодиёт муносиб натанҳо барои нигоҳ доштани устувории молияи давлатӣ, балки барои татбиқи босамари сиёсати пулию қарзӣ ва нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ мусоидат менамояд. Барзиёдии касри буҷет бошад, ба ноустувории макроиқтисодӣ, афзуншавии талабот ба пул ва фишорҳои таваррумӣ оварда мерасонад.

Нигоҳ доштани тағйирёбии муътадили қарзи берунӣ низ барои кам намудани талабот ба асъори хориҷӣ ҷиҳати пардохти минбаъдаи уҳдадориҳои қарзӣ дар татбиқи сиёсати қурби асъори кишвар аҳамияти махсус дорад.

Таҷрибаи муваффақи бонкҳои марказии (миллии) кишварҳои рӯ ба инкишоф нишон медиҳад, ки дар мавриди гузаронидани амалиётҳои бонкӣ, бахусус амалиётҳои репо ва пешниҳоди қарзҳо ба бонкҳо маҳз коғазҳои қиматноки давлатӣ ба сифати гарави муносиб ва бозоргир баромад менамоянд.

**Аз ин рӯ, ҷиҳати ба таври лозима ҳамоҳанг сохтани амалиёт дар татбиқи сиёсати монетарӣ ва фискалӣ барои фароҳам овардани шароити ҷолиби идоракунии сатҳи пардохтпазирӣ дар низоми бонкӣ ва рушди бозори молиявӣ андешидани чораҳои зерин дар назаранд:**

– ба имзо расонидани ёддошти тафоҳум оид ба мубодилаи маълумот байни БМТ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Вазорати молия);

– ҳамкорӣ дар самти ҳамоҳангсозии сиёсати монетарию фискалӣ бо сиёсати рушди иқтисод ва савдои ҷумҳурӣ ҷиҳати татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ ва мусоидат ба рушди истеҳсоли молҳои содиротию воридотивазкунанда ва кам кардани осебпазирии иқтисодиёти кишвар аз таъсири хавфҳои берунӣ;

– густариши ҳамкорӣ бо Вазорати молия ҷиҳати рушди бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ бо фоизҳои ҷолибнок ва мусоидат ба рушди бозори дуюмдараҷаи коғазҳои қиматнок;

– дар сатҳи кофӣ нигоҳ доштани ҳаҷми захираҳои байналмилалии БМТ ва мусоидат барои мубодила намудани асъори хориҷӣ барои иҷрои уҳдадориҳои қарзи берунӣ.

**Дар ин раванд, БМТ дар доираи салоҳияти худ бо мақсади такмили минбаъдаи заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва институтсионалии амалкунанда ва ба**

**амалияи муваффақи ҷаҳонӣ дар доираи принсипҳои реҷаи ҳадафгирии таваррум мутобиқ намудани онҳо барои таъмини самаранокии раванди таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ тадбирҳои зеринро амалӣ хоҳад намуд:**

– ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон";

– таҳияи санадҳои методологӣ оид ба механизми амалисозии дурнамои пардохтпазирӣ, ҳисоботҳои омори монетарӣ, асосҳои меъёри фоизии БМТ ва дигар;

– таҳияи тартиби амалигардонии механизми миёнакунии захираҳои ҳатмӣ ва пешбурди мониторинги он;

– ворид намудани тағйиру иловаҳо ба низомномаи Кумитаи сиёсати пулию қарзии БМТ ва дигар низомномаҳои дохилии марбут ба сиёсати монетарӣ;

– таҳияи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор дар доираи принсипҳои реҷаи ҳадафгирии таваррум.

## §3. Пешбурди сиёсати қурбии ба таври муътадил тағйирёбанда

Дар шароити истифодаи реҷаи ҳадафгирии таваррум, яке аз фишангҳои асосии бартараф намудани фишорҳо ва хавфҳои берунӣ истифодаи реҷаи қурби тағйирёбандаи асъор мебошад, ки дар робита ба он қурби пули миллӣ дар асоси маҷмӯи талаботу таклифот воқеан муайян гардида, дар ҳолатҳои аз эътидол зиёд тағйир ёфтан бонкҳои марказӣ (миллӣ) мудохилаҳои асъорӣ анҷом медиҳанд.

Тағйирёбии қурби пули миллӣ аз таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ вобаста буда, тавассути нигоҳ доштани қобилияти харидорӣ ва устувории он таъмин карда мешавад. Бо ибораи дигар, дар ҳолати таъсири фишорҳо ва таконҳои берунӣ тағйирёбии муносиби қурби сомонӣ нисбат ба асъори хориҷӣ истеҳсолкунандагони маҳсулоти ивазкунандаи воридотро ҳавасманд намуда, ба афзоиши маҷмӯи содирот мусоидат менамояд.

**Тибқи тадқиқоти олимони соҳаи иқтисод – Роберт Манделл ва Маркус Флеминг[2] (impossible trinity) дар иқтисодиёти кишвар дар як вақт ба даст овардани самаранокии сиёсати қурби собит (fixed), мустақилияти сиёсати пулию қарзӣ ва ҳаракати сармоя имконнопазир мебошад.**

Дар ҷаҳони муосир, ки дар он озодӣ ва ҳассосияти ҳаракати сармоя ниҳоят зиёд аст, дар давлатҳое, ки иқтисодиёти онҳо аз воруди сармоягузориҳои хориҷӣ вобастааст, бонкҳои марказӣ (миллӣ) бояд яке аз ду ҳолат – таъмини самаранокии сиёсати пулию қарзӣ ва ё пешбурди сиёсати қурби собитро интихоб намоянд. Дар давлатҳое, ки қурби асъор бетағйир нигоҳ дошта мешавад ва сатҳи долларикунонии иқтисодиёт баланд аст, таъсирбахшӣ ва самаранокии сиёсати пулию қарзӣ барои таъмини мақсади асосӣ – муътадилии нархҳо вуҷуд надорад.

Таҷрибаи бонкҳои маркази (миллии) бо реҷаи ҳадафгирии таваррум фаъолияткунанда собит намудааст, ки ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ, коҳиш додани

[2] Манделл Р. А. (1963). Гардиши сармоя ва сиёсати стабилизатсионӣ таҳти реҷаҳои собит ва озод шинокунандаи қурби асъор. Маҷаллаи илмҳои иқтисодию сиёсии Канада №29(4). Ню-Йорк.

касри тавозуни савдо, мусоидат ба рушди устувори молиявию иқтисодӣ ва таъмини самаранокии сиёсати пулию қарзӣ пешбурди сиёсати қурбии шинокунандаи танзимшаванда ва ё озод шинокунанда мувофиқи мақсад мебошад.

Бинобар ин, дар БМТ дар давраи миёнамуҳлат сиёсати қурбӣ ба реҷаи қурбии "шинокунандаи танзимшаванда" асос ёфта, қурби пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ таҳти таъсири рукнҳои бозорӣ, яъне таносуби талабот ва пешниҳоди асъори хориҷӣ дар бозори дохилии асъор муайян карда мешавад.

**Додани имконият ба тағйирёбии дусамтаи (болоравӣ/поёнравӣ) қурби асъор метавонад ҳамчун омили муҳими боздорандаи майли аҳолӣ ва дигар агентҳои иқтисодӣ аз нигоҳ доштан ва истифодаи асъори хориҷӣ арзёбӣ гардад.** Ҳолати мазкур метавонад:

- имкониятҳои мутобиқшавии иқтисодиётро ба таконҳои берунӣ зиёд намуда, рақобатпазирии истеҳсолоти дохилиро баланд бардорад;
- дар давраҳои бухронӣ ҳангоми зиёд гардидани таъсири омилҳои берунӣ ба сатҳи захираҳои байналмилалии давлат таъсири манфӣ нарасонад;
- тасаввурот ва тахаюлоти ғалати ҷомеаро оид ба хавфҳои қурбӣ ва оқибатҳои он аз байн барад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар вобастагӣ аз воридот талабот ба асъори хориҷӣ, бахусус доллари ИМА, қариб ҳамеша баланд буда, ба интизории аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад ва эътимоди онҳоро ба тағйирёбии қурби асъори хориҷӣ зиёд мегардонад. Ин аз ҳамбастагии назарраси механизми усули қурбӣ бо усули интизории таваррумии аҳолӣ хабар медиҳад, ки дар марҳилаи пайдоиши фишорҳои қурбӣ интизориҳои таваррумии аҳолӣ зиёд гардида, ба афзоиши сатҳи нархҳои дохилӣ таъсир мерасонанд.

**Аз ин рӯ, БМТ бо мақсади амалисозии тадбирҳои дар самти сиёсати қурбӣ пешбинишуда корҳои зеринро анҷом медиҳад:**

- танҳо барои ба эътидол овардани лаппишҳои аз ҳад зиёди қурбӣ ва идораи босамари захираҳои байналмилалӣ метавонад мудохилаҳои асъориро бо дарназардошти афзалияти нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо анҷом диҳад;
- баҳри иҷрои самараноки сиёсати коммуникатсонӣ тариқи воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла сомонаи БМТ, маҷаллаву рӯзномаҳои чопӣ ва интернетӣ, барномаҳои телевизиону радио пеш бурдани корҳои иттилоотию тарғиботӣ оид ба мақсади аввалиндараҷаи БМТ, риояи тартиби истифодаи асъори хориҷӣ, бартараф сохтани ҳолати номуайянӣ ва ноустувории бозори дохилии асъор, эҳтиром ва истифодаи пули миллӣ дар муомилоти дохилӣ;
- нигоҳ доштани фарқияти байни қурби расмӣ ва қурби бозори ғайрибонкии пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА дар доираи то 2 фоиз ва таъмини тағйирёбии дусамтаи (устуворшавӣ ва беқурбшавии) қурби сомонӣ ҷиҳати коҳиш додани ҳассосияти иқтисодиёт ва аҳолӣ ба тағйирёбии қурб;
- бартараф намудани маҳдудиятҳо дар бозори дохилии асъор ва мусоидат ба рушди фаъолияти бозори байнибонкии асъор тавассути низоми ягонаи электронии савдо;

– таҳияи нақшаи мудохилаҳои асъорӣ вобаста ба вазъи бозори дохилии асъор, таъмини шаффофият ва ба маълумоти ҷомеа расонидани мақсади мудохилаҳои асъорӣ ва натиҷаи онҳо;

– идома додани назорати фаъолияти бозори нақдӣ ва андешидани чораҳои иловагӣ барои аз байн бурдани бозори ғайрибонкии асъор.

**Ҳамзамон, бо мақсади таъмини муътадилии бозори дохилии асъор, тағйирёбии боэътидоли қурби сомонӣ, ҳавасмандкунии истифодаи пули миллӣ дар муомилот ва ғайридолларикунонии иқтисодиёт иҷрои тадбирҳои зерин дар назар аст:**

– истифодаи самараноки восита ва механизмҳои сиёсати пулию қарзӣ (тағйир додани меъёри захираҳои ҳатмӣ бо асъори хориҷӣ ва мавқеи кушодаи асъорӣ, зиёд намудани қарордодҳои “СВОП” дар давраҳои кӯтоҳмуҳлат ва миёнамуҳлат вобаста ба идоракунии сатҳи пардохтпазирии бонкҳо ва вазъи бозори асъор);

– нигоҳ доштани мувозинати талаботу таклифот дар бозори дохилии асъор ва диверсификатсия намудани амалиётҳои асъорӣ бо пулҳои миллии кишварҳои шарикони асосии савдо;

– таҳкими идоракунии захираҳои байналмилалии тиллою асъор тавассути истифодаи механизму маҳсулотҳои нави амалияи бонкдории ҷаҳонӣ, бахусус Барномаи машваратии идоранамоии захираҳо (RAMP[3]);

– мусоидат ба рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ бо роҳи нигоҳ доштани сатҳи оптималии қурби самараноки воқеии пули миллӣ;

– рушди низоми пардохтӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо роҳи ҷорӣ намудани технологияҳои муосири молиявии рақамӣ, ҷиҳати кам намудани ҳиссаи пули нақд дар муомилот.

## §4. Таҳкими иқтидори таҳлилӣ-тадқиқотӣ ва таҳияи дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ

Вусъатдиҳии иқтидори таҳлилию тадқиқотӣ яке аз шартҳои муҳими татбиқи босамари сиёсати пулию қарзӣ ва реҷаи ҳадафгирии таваррум маҳсуб ёфта, он дар баҳодиҳии дақиқи вазъи кунуниву муайянкунии равандҳои ояндаи макроиқтисодӣ ва тасмимгирии ҳадафнок аҳамияти назаррас дорад.

**БМТ моделҳои гуногуни сохтории макроиқтисодиро дар раванди таҳлилу тадқиқотҳо ва таҳияи дурнамои нишондиҳандаҳои мақсаднок мунтазам истифода намуда, ҷиҳати боз ҳам тақвият додани иқтидори истифодашаванда ва баҳодиҳии босифати вазъи нишондиҳандаҳо андешидани чораҳои зерин муҳим шуморида мешавад:**

– ташкил, коркард ва идораи пойгоҳи автоматии ягонаи маълумотҳо аз рӯи бахшҳои иқтисодиёти дохиливу хориҷӣ;

[3] Reserves Advisory and Management Partnership

– таҳия ва такмили моделҳои кӯтоҳмуддати эконометрикӣ (VAR, BVAR, FAVAR ва ғайра) барои дар давраи кӯтоҳмуддат гузаронидани таҳлилҳои эмпирикӣ ва таҳияи дурнамои моҳонаи нишондиҳандаҳои асосии монетарӣ ва макроиқтисодӣ;

– тибқи таҷрибаи дигар бонкҳои марказӣ (миллӣ) ҷиҳати таъмини самаранокии натиҷаҳои таҳлилу тадқиқот зиёд намудани шумораи кормандони болаёқат дар Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушд;

– идома додани назарсанҷӣ (пурсишҳо ва мушоҳидаҳо) дар самти муайян намудани интизории таваррумии аҳолӣ, ки ба омӯзиши амиқи хавфҳои таваррумӣ, баҳодиҳии онҳо ва раванди қабули қарорҳо мусоидат хоҳанд кард;

– гузаронидани назарсанҷии корхонаҳои истеҳсолӣ ва воридкунандагони молу маҳсулот ҷиҳати таҳияи ҳисоботи фаъолнокии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли таҷрибаи дигар бонкҳои марказӣ (миллӣ);

– ба роҳ мондани таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ – тадқиқотӣ дар мавзӯъҳои сиёсати пулию қарзӣ ва вазъи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар давраи миёнамуҳлат;

– густариш додани ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва бонкҳои марказии (миллии) кишварҳои хориҷӣ, ҷиҳати таҳкими иқтидори таҳлилӣ-тадқиқотӣ.

## §5. Тақвияти раванди пешниҳоди ахборот ба омма

Дар речаи ҳадафгирии таваррум таъмини шаффофият ва тақвияти раванди пешниҳоди ахборот ба омма нақши муҳим дошта, барои баланд бардоштани эътимод ба қарорҳои қабулнамудаи БМТ дар самти сиёсати пулию қарзӣ ва пешгирии интизориҳои беасоси таваррумии аҳолӣ нақши муҳим доранд.

**Аз ин рӯ, БМТ тавассути васоити электронӣ ва чопӣ оид ба шарҳи сабабҳо ва моҳияти қарорҳои қабулшуда ва раванди татбиқи сиёсати пулию қарзии кишвар, фаъолона ва мунтазам ба аҳли ҷомеа маълумот пешниҳод менамояд.**

Дастрасии саривақтии маълумотҳои муфассал барои афзун намудани эътимоди аҳолӣ ба татбиқи сиёсати монетарӣ, аз байн бурдани номуайянӣ дар бозорҳои молиявӣ, инчунин баланд бардоштани маърифати молиявӣ – иқтисодӣ ва дарки ҳадафгирии таваррум аз ҷониби ҷомеа муҳим дониста шуда, амалигардонии чораҳои зерин зарур дониста мешавад:

– идома додани нашри қарорҳои Кумитаи сиёсати пулию қарзӣ дар сомонаи БМТ;

– ба таври силсила нашр намудани шарҳу ҳисоботҳо ва тавзеҳоти марбут ба татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, новобаста аз манфӣ ё мусбат будани хулосаҳо оид ба вазъи иқтисодиёти кишвар;

– таҷдиди назар намудани саҳифаи сиёсати пулию қарзии сомонаи БМТ бо дарназардошти таҷрибаи муосир;

– нашри шарҳи натиҷаҳои таҳлилию тадқиқотӣ дар маҷаллаи БМТ “Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ”;

– дар раванди гузаронидани назарсанҷиҳо оид ба интизории таваррумии аҳолӣ вусъат додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва маълумотдиҳӣ дар самти сиёсати пулию қарзӣ ва нишондиҳандаҳои мақсаднок;

– саривақт ва мунтазам ҷойгир намудани маълумоти омории такмилшуда дар сомонаи БМТ;

– истифодаи техникаву технология ва шабакаҳои иҷтимоии муосир дар раванди ахборотдиҳӣ;

– идомаи такмили сиёсати коммуникатсионии БМТ дар доираи принсипҳои реҷаи ҳадафгирии таваррум;

– баргузор намудани вохӯриҳо, мизҳои мудаввар ва пешниҳоди рӯнамову маълумотҳои видеоӣ ба зиёиёни кишвар.

## §6. Таъмини устувории молиявии низоми бонкӣ

Татбиқи босамари реҷаи ҳадафгирии таваррум бе таъмини фазои институтсионалии тараққиёфта ва фаъолияти солими низоми бонкӣ имконнопазир мебошад. Ташкилотҳои қарзию молиявӣ дар амалигардонии механизми трансмиссионии сиёсати пулию қарзӣ дар тамоми кишварҳо нақши муҳим доранд.

**Вобаста ба ин, бахри таъмини устувории молиявии низоми бонкии кишвар ва рушди миёнаравии молиявӣ, пурра амалисозии тадбирҳои дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”[4] ва “Нақшаи стратегии ислоҳоти низоми бонкӣ ва суғурта барои солҳои 2020-2023” муайяншуда мувофиқи мақсад мебошад, аз ҷумла:**

– идома додани ислоҳоти низоми бонкӣ, такмил ва таҳкими идоракунии босамари дороиҳо ва ухдадориҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, вусъат додани миёнаравии молиявӣ ва таъмини шаффофият дар фаъолияти онҳо;

– такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои беҳтар намудани вазъи молиявии низоми бонкӣ ва пурзӯр намудани идоракунии хавфҳо;

– татбиқи рукнҳои муосири бонкдории ба талабот ҷавобгӯ ва ба ин васила ҷалб намудани бештари муштариён тавассути ташвиқу тарғиб ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои бонкӣ;

– ҷалби бештари сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёт.

[4] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, банди 5.3 “Бахши молиявӣ”. саҳ 70-74.